**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти илмии Муродова Моҳира Ҳусеновна барои пешниҳоди диссертатсия дар мавзӯи «Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун» барои дарёфти дарачаи илмӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия**

Муродова Моҳира Ҳусеновна ҳамчун унвончӯ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои биологӣ дар назди кафедраи биохимияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Озмоишгоҳи клиникии муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологии АИТ ва ҲИА ЧТ, хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназарови ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон корҳои илмӣ – таҳқиқотиро гузаронидааст.

Унвончӯ Муродова Моҳира Ҳусеновна аз рӯи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия диссертатсияро дар асоси нақшаи корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, васоити методӣ ва супоришҳои дар назди ӯ гузошташуда таи солҳои 2015 – 2020 иҷро гардидааст.

Мавзӯи диссертатсия яке аз масъалаҳои муҳим буда, ҳамчун объекти таҳқиқотӣ гӯсфандон ва баррачаҳои зоти тоҷикӣ истифода шудааст. Барои муайян намудани миқдори умумии сафедаҳои таркиби зардоби хуни гӯсфандони зоти тоҷикӣ махсусан вазнафзункунӣ, серпашмӣ ва сифати он бо истифода аз усулҳои мушоҳида, тавсиф, баҳисобгирӣ, хулосабарорӣ дар асоси усулҳои муосири биохимиявӣ ва зоотехникӣ амалӣ гардидаанд.

Чунин меҳисобам, ки рисола аз рӯи ихтисос ба талаботи асноди меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва дастурҳои методии соҳа ҷавобгӯ буда, аз дониши назариявию амалии унвончӯ дарак медиҳад. Аз омӯзиши рисолаи мазкур бармеояд, ки муаллиф корро мустақилона иҷро намуда, ба талаботи диссертатсия ҷиддӣ риоя намудааст. Матни диссертатсия ба мундариҷаи он мувофиқат мекунад.

Бо назардошти таҳлили натиҷаҳои дар адабиётҳои соҳавӣ овардашуда Муродова М.Ҳ. дар назди худ мақсад гузошт, ки барои муайян намудани алоқамандӣ байни миқдори умумии сафедаҳои зардоби хун, сифати пашм,

гӯшт дар гӯсфандони зоти тоҷикӣ таҳқиқотҳои худро амалӣ намояд. Аз ин рӯ мавзӯе, ки Муродова М.Ҳ. интихоб намудааст, муҳим ва актуалӣ мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулосаҳо ва феҳристи адабиётҳои истифодашуда иборат буда, тибқи тартиби муқарраргардида таҳия шудааст.

Ҳамин тавр мазмун, мундариҷа ва дониши назариявию амалии Муродова Моҳира Ҳусеновнаро ба назар гирифта, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ пешниҳод менамоям.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои биологӣ,
профессори кафедраи биохимияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қосимов Р.Б.

Имзои Р.Б. Қосимовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

12.04.2023